Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 079–и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич дар мавзӯи «Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод гардидааст.**

Омӯзиши нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа дар давраи муосир аз ҳарвақта дида муҳимтар ва рӯзмара гардидааст. Рушди босуръати нақши иттилоот ва воситаҳои он дар ҷомеа ба он оварда расонид, ки коммуникатсия ҳамчун шакли муносибатҳои мутақобилаи байни одамон, умумиятҳои иҷтимоӣ, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро дар худ фаро гирад. Коммуникатсияи сиёсӣ унсури асосии амалишавии сиёсат ва таъмини иштироки фаъоли шаҳрвандон дар идоракунии сиёсӣ мебошад. Аз ин хотир таҳлили дақиқи нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ дар замони муосир саривақтӣ мебошад.

Аз ин хотир диссертатсияи номзадии Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич, ки ба омӯзиши нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа бахшида шудааст барои шароити нави инкишоф муҳимияти худро доро мебошад. Муаллиф ҳангоми омӯзиши мавзуъ бештар ба таъсири коммуникатсияи сиёсӣ ба шуури ҷамъиятӣ ва аҳамияти он ба идоракунии сиёсӣ дар замони муосир диққат додааст. Ҳолати мазкур дар шароити муосир махсусан дар идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Аз автореферати диссертатсияи Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич дар мавзӯи «Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод гардидааст бармеояд, ки он аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Боби аввали диссертатсия “Асосҳои назариявӣ ва методологии алоқамандии коммуникатсияи сиёсӣ ва идоракунии сиёсӣ” аз ду зербоб иборат мебошад. Дар қисмати мазкур бештар масъалаҳои назариявӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Махсусан моҳият ва хусусиятҳои коммуникатсияи сиёсӣ дар илмҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ ва натиҷагирӣ гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия “Шакл ва усулҳои амалишавии коммуникатсияи сиёсӣ дар шароити муосири идоракунии сиёсӣ” номгузори шуда аз ду зербоб иборат мебошад. Дар қисмати дуюм бештар истифодаи технологияҳои муосири манипулятсияи сиёсӣ дар амалишавии коммуникатсияи сиёсӣ ва таъсири коммуникатсияи сиёсӣ ба шуури ҷамъиятӣ ва аҳамияти он дар идоракунии сиёсӣ диққат дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия “Вазъ ва дурнамои таъсири коммуникатсияи сиёсӣ дар раванди идоракунии сиёсии Тоҷикистон” унвон шудааст, ки дар қисмати мазкур бештар ҳамкориҳои коммуникатсионии субъектони ҳаёти сиёсӣ ва таъсири он ба раванди сиёсӣ дар Тоҷикистон ва вазъият ва нерӯи таъсири интернет–ҳамкориҳои коммуникатсионии субъектони ҳаёти сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф тавонистааст, ки дар асоси таҳлили адабиёти зиёди илмӣ асосҳои назариявию методологӣ ва ҷиҳатҳои амалии масъалаи мазкурро дар асоси назари муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ баррасӣ намояд.

Дар автореферат дар баробари муваффақиятҳо баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд. Хуб мешуд агар дар қисмати аввали автореферат назари муҳаққиқон вобаста ба нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа ба таври васеътар оварда мешуд.

Хулосабарориҳо, пешниҳоди навгониҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалӣ дар диссертатсия ифодаи он аст, ки кори мазкур арзиши илмӣ дошта аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шудааст. Эродҳои пешниҳодгардида арзиши илмии автореферати мазкурро коҳиш намедиҳад. Хулоса автореферати диссертатсияи Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич дар мавзӯи «Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа», таҳқиқоти илмӣ маҳсуб ёфта ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент,
Мудири кафедраи фанҳои ҷамъиятии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон Саидзода Ш.Ш.

Имзои Ш.Ш. Саидзодаро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Бобоев А.Х.
"26" 05 2025 с.

**Суроғаи муқарриз:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, в. Суғд,
ш.Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1
Тел. моб.: (+992) 93-938-88-66